# Тақриз

**Ба автореферати рисолаи номзадии Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдуғанӣ Мирзоев»барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, ихтисоси 07.00.09- таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Академик Абдулғанӣ Мирзоев яке аз абармардони бузурги илми шарқшиносии тоҷик мебошад. Ӯ яке аз чеҳраҳои шинохтаи илми шарқшиносии тоҷик дар асри XX буд. Абдулғанӣ Мирзоев шурӯъ аз соли 1945 то соли 1976 яъне то замони вафоташ 31 соли умри бобаракати худро барои пешрафти илми шарқшиносии тоҷик бахшидааст. Абдулғанӣ Мирзоев дар қатори устод Садриддин Айнӣ ва алома Бобоҷон Ғафуров яке аз бунёдгузорони илми шарқшиносӣ дар РСС Тоҷикистон буданд. Академик Абдулғанӣ Мирзоев як қатор мақолаҳои гуногуни илмиро дар соҳаи илмҳои таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ навиштаанд. Доираи омӯзиши мавзӯҳои илмии устод хело васеъ ва доманадор мебошад.

Доир ба фаъолияти илмии таърихии устод таҳқиқодҳои илми кам анҷом дода шудаанд. Барои ҳамин мавзӯи интихоб намудаи Ахмедов Ф хело ба маврид мебошад. Яъне актуали ва проблеманок будани мавзӯъро нишон медиҳад. Анҷом додани ин кори хайр дар ҳақи устод кори хело калон аст. Зеро Абдулғанӣ Мирзоев дар ҳақиқатан арзандаи унвони академики буданд. Ба ҳар кас низ имконият даст намедиҳад, ки дар сини 52 солаги сазовори ин унвони оли шаванд.

Рисолаи илмии Ахмедов Ф.Ҳ. тибқи талаботи замон таҳия шуда он аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф доир ба актуалӣ будани мавзӯъ, муҳиммияти таҳқиқи масъала, сатҳи омӯзиш, навгониҳои илман асоснок ва ниҳоятан мақсаду вазифаҳои хешро хело кушоду рафшан ва фаҳмо баён намудааст.

Боби авали рисола «Академик Абдулғанӣ Мирзоев олими барҷаста ва созмондеҳи илми шарқшиносӣ дар Тоҷикистон» номгузори шудааст, ки он аз 2 зербоби бо ҳам алоқаманд иборат аст. Муаллиф тавонистааст дар ин ду зербоб роҳи илмии тайкардаи устодро ба тариқи хронологи оварда нишон диҳад. Дар зербоби якуми рисола муаллиф як қатор масъалаҳои муҳими таърихиро оиди таърихи пеш аз инқилобии зодгоҳи устод, касабаи падару модар ва роҳи ҳаётии тайкардаи устодро оварда нишон додааст. Дар зербоби дуюми рисола асосан фаъолияти илмию педагоги ва сиёсии устодро дар АИ РССС Тоҷикистон оварда нишон додааст.

Боби дуввуми рисола «Саҳми академик Абдулғанӣ Мирзоев дар рушди илми таърих дар Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, он аз 5 зербоби бо ҳам алоқаманд иборат аст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ин қисмати рисола бахши асосӣ буда, муҳаққик тавонистааст бархе аз масоили таърихиро аз диди шарқшиноси шинохта А. Мирзоев ба хонанда пешкаш намояд.

Дар зербоби якуми боби дуюми рисола муалиф асосан саҳми Абдулғанӣ Мирзоевро дар замони роҳбарияш дар Институти таърих, бостоншиносӣ, этнография, луғат, забон ва адабиёт (1947-1951) дар пешрафти тамоми илмҳои шарқшиносии тоҷик нишон додааст. Мувофиқи ақидаи муаллиф дар ин замон корҳо дар тамоми бахшҳои институт дар сатҳи оли иҷро шуда буданд. Нахустин қадамҳо дар соҳаи бостоншиносии тоҷик маҳз дар ҳамин замон гузошта шуда буд. Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола муаллиф асосан як қатор масъалаҳои муҳими таърихии асрҳои VIII-X мелодиро, ки ба замони ҳукмронии хонадонҳои тоҷикии тоҳириён, сафориён ва сомониён рост меояд ва омилҳои асосии барҳамхурии давлати сомониёнро оварда нишон додааст.Дар зербоби сеюми боби дуюми рисола муаллиф асосан як қатор масъалаҳои муҳими таърихии замони ҳукмронии хонадонҳои темуриён, шайбониён ва сафавиёнро, ки ба асрҳои XV-XVI мелодӣ рост меояд оварда нишон додааст, ки дар сатҳи ниҳоят оли иҷро шудааст.

Дар зербоби чорум ва панҷуми боби дуюми рисола, ки ба замони ҳукмронии хонадонҳои ҷониён ва манғитиён, ки ба асрҳои XVI-XVII ва XVIII-XIX мелодӣ рост меояд ва бо ҳамдигар алоқаманд ҳастанд оварда нишон дода шудааст. Дар инҷо асосан аз ҷониби муаллиф як масъалаи аз ҳама муҳими таърихи масъалаи духтархонаҳо ба раси карда шудааст.

Дар хулосаи кор муаллиф як қатор масъалаҳои муҳиму ҷолибро, ки ба асрҳои VIII-XIX милодӣ таалуқ доранд бараси кардааст. Инчунин баҳри қадрдонии хизматҳои А. Мирзоев пешниҳодҳои ҷолиби илми ҳам кардааст. Диссиртадсия бо забони ноби тоҷики навишта шудааст. Ба талабот ҷавобгу мебошад. Дар раванди навистани кори илми аз сарчашмаҳои гуногуни таърихи истифода бурда шудааст. Муҳатавои кори илми дар маҷалаҳои илми чоп шуда мувофиқа карда ба талаботи замон ҷавобгу мебошад.

Бояд гуфт, ки новобаста аз комёбиҳою дастовардҳо рисола аз норасоиҳою камбудиҳои ҷузъӣ холи нест:

- Пешниҳод дорем, ки дар баробари таълифи рисолаи илмӣ хатогиҳои имлогии чуъзиро аз сари нав муаллиф дида баромада ислоҳ кунад.

Аммо бо тамоми бовари иброз медорем, ки ин пешниҳодҳои ҷузъӣ қимати илмӣ, назариявӣ ва амалии рисоларо коста намесозад ва бо боварии том изҳор медорем, ки рисолаи пешниҳод намудаи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзуи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдуғанӣ Мирзоев» комилан ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих арзанда аст.

нохияи Фирдавсӣ кучаи деҳоти 24\4
хучраи 28.
тел: 93-567-20-10.

н.и.т. дотсенти кафедраи гуманитарииДДМИТ

Муқарриз: Ҳомидова Қ.Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ